# Дарси 3. Доираи коркарди интегронӣ.

Ҳангоми ба фазои Visual Basic дохил шудан, қадамҳои зеринро пай дар пай иҷро кунед:

**Тартиби иҷрои кор**

1. Барномаи Visual Basic–ро ба кор андозед. Баъди ба кор даровардани он дар экран равзанаи диалогии New Project (расми 1.1) пайдо мешавад. Ин равзана барои истифодабаранда интихоби амалҳои ояндаро имкон медиҳад ва аз се банд (ҳисса) иборат аст:

- **New** - оғози сохтани лоиҳаи нав;
- **Existing** - интихоби замима аз лоиҳаҳои нав;
- **Resent** - рӯйхати лоиҳаҳои охирон.

Дар равзанаи расми 1.1 банди **New** кушода аст ва лоиҳаи намуди **Standart.EXE** интихоб шудааст.




**Расми 1.1**

2. Тугмаи «Открыть»-ро зер кунед. Дар натиҷа ба фазои Visual Basic – фазои интегронии коркарди лоиҳаҳо (Integrated Development Enviroment) –Visual Basic IDE дохил мешавед.

3. Намуди экран баъди сар додани барномаи Visual Basic дар расми 1.2 оварда шудааст.

Агар намуди экран аз равзанаи дар расми 1.2 фарқ кунад, чунин амалҳоро иҷро кунед:

•агар дар *Равзанаи асосии лоиҳа Равзанаи конструктори форма* мавҷуд набошад, онро кушоед ( командаи **View, Object** –ро интихоб кунед ё комбинатсияи тугмаҳои Shift+F7 -ро зер кунед). Равзанаи конструктори форма дар марказ ҷойгир буда, сарлавҳаи *Project1-Form1 (Form)*–ро дорад;




**Расми 1.2**

•агар дар равзанаи хосиятҳо Properties мавҷуд набошад, онро кушоед (командаи **View, Properties Windows** –ро интихоб кунед ё тугмаҳои F4-ро зер кунед, ё аз сатри асбобҳо тугмачаи  интихоб кунед). Равзанаи хосиятҳо барои тасвир ва танзим намудани хосиятҳои форма ва объекҳои дар он воқеъбуда таъин шудааст;

•агар дар равзанаи асосии лоиҳа *Равзанаи асбобҳо Tollbox* набошад, онро кушоед ( командаи **View, Tollbox** –ро интихоб кунед ё аз сатри асбобҳо тугмачаи  -ро пахш кунед). **Равзанаи асбобҳо** – асбоби асосии корӣ ҳангоми кор дар замимаи формаи муоинашаванда мебошад. Ин равзана пиктограммаҳои элементҳои идоракуниро дорад бо ёрии онҳо дар формаи лоиҳа объектҳо сохта мешаванд ва шумо қисми графикии барномаи худ – интерфейси графикии истифодабаранда (Graphical user Interface -GUI) – ро тартиб медиҳед;

•барои тасаввури мавқеи ҷойгиршавии форма дар экран истифода аз *Равзанаи Form Layout* қулай аст. Агар вай дар экран инъикос набошад, онро кушодан мумкин аст ( командаи **View, Form Layout Window** –ро интихоб кунед ё аз сатри асбобҳо тугмачаи  интихоб кунед).

•Агар *Равзанаи роҳбаладии лоиҳа Project Explorer (Project)* мавҷуд набошад, онро кушоед (командаи **View, Project Explorer**, ё комбинатсияи тугмаҳои Ctrl+R-ро зер кунед, ё аз сатри асбобҳо тугмачаи  интихоб кунед). Равзанаи роҳбаладии лоиҳа намуди графикии лоиҳаро нишон медиҳад, яъне рӯйхати файлҳоро, ки ба лоиҳа дохиланд, инъикос мекунад. Пеш аз ҳама ин як ё якчанд файлҳои форма (файл бо қисми иловагии .frm), файли худи лоиҳа (файл бо қисми иловагии .vbp) мебошад. Ба лоиҳа инчунин метавонад файлҳои намудҳои дигар, масалан, файли модули барнома (файл бо қисми иловагии .bas) дохил шаванд.

Дар сатри асбобҳои *Равзанаи Project* се тугмача мавҷуданд:
View Code, View Object, ва Toggle Folder - (расми 1.3). Тугмачаи якум барои кушодани *Равзанаи коди барнома* ва дуюм барои кушодани - *Равзанаи конструктори форма* имконият медиҳад.




Расми 1.3

**Form.** Форма гуфта, ин муҳити пешниҳодшавандаи графикии лоиҳаҳои Windows-ро меноманд. Дар формаи экран элементҳои идоракунии зеринро гузоштан мумкин аст. Яъне тугмачаи фармоишӣ, равзанаи расмҳо, равзанаи матнҳо, руйхатҳо ва ғ.

Аз ҳамин сабаб форма дар худ руйхати амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- маҷмӯи хосиятҳои равзвнаи форма ва қиматҳои он;
- маҷмӯи объектҳое, ки дар равзана ҳастанд;
- маҷмӯи хосиятҳои объектҳо ва қиматҳои онҳо.

Ҳангоми ба кор омода сохтани лоиҳа формаи навъи **Form1**, ба равзана мубаддал мегардад ва онро дар файлҳои форма нигоҳ дошта, номи иловагии **.frm**-ро мегирад.

**Модули барномавӣ (Code)** – ин файли барномавиест, ки дар алоҳидагӣ нигоҳ дошта мешавад ва ба он қисми иловагии **.bas** гузошта мешавад. Одатан **модули барномавӣ** гуфта, коди барнома дар назар дошта мешавад, ки танҳо як барномаи объекти формаро дар бар мегирад.

**Лоиҳаи барнома** - бошад дар худ маҷмӯи қисматҳои форма, коди барнома ва ғайраро дар бар мегирад, ки дар оянда лоиҳаи гузоришҳои **Windows** ба шумор меравад. **Visual Basic** ҳар як лоиҳаи сохта шударо ҷудогона нигоҳ дошта, қисми иловагии номи лоиҳаро **.vbp** мегузорад.